# Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (Дастур барои истифода) [1]

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 30 Декабр, 2017 - 12:16
[2]

Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ба дӯстдорон ва посдорони забонӣ тоҷикӣ дар сомонаи Кумитаи забон ва истилоҳот ба наздикӣ дастрас мешавад. Айни замон гунаи электронии фарҳанг дар ҳоли коркард мебошад. Шумо метавонед аз гунаи санҷишӣ истифода баред. Фарҳанг зиёда аз 10 имкони ҷустуҷӯиро дар бар мегирад, ки метавонед ҳам дар қисмати вожа ва ҳам дар қисмати тафсири вожа интихоб карда, барои ҷустуҷӯи тафсири вожаҳо татбиқ намоед. Масалан, агар шумо хоҳед, ки дар қисмати тафсири вожаҳои фарҳанг калимаи "тоҷикӣ"-ро ҷустуҷӯ намоед, калимаи "тоҷикӣ"-ро танҳо ба қисмати тафсири вожа ворид карда, имкони "Дар бар мегирад"-ро интихоб намоед, ва тугмаи "Ҷустуҷӯ"-ро зер кунед. Ба воситаи Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ дар сомонаи Кумитаи забон ва истилоҳот Шумо метавонед барои ҷустуҷӯи вожаҳо ва тафсирашон аз имконоти ҷустуҷӯии ҳаматарафа истифода баред.




| Вожа | Тафсири вожа |
|---|---|
| а | ҳарфи аввали алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ бо ҳарфҳои «алиф» ( ا), «айн» ( ع) ва дар охири як гурӯҳ калимаҳо бо «ҳои ҳавваз» ( ه) ифода мешавад; ҳарфи «алиф» дар ҳисоби абҷад ба адади 1 баробар аст; ҳарфи «А» дар гурӯҳбандии синфҳои таълимӣ, табақабандии мавзӯъҳо ва ғ. ба ҷои шумораи якум ба кор меравад. -А ҳиссачаест, ки бо феъл омада, маънои тааҷҷуб, таассуф, эҳсос, ҳаяҷон ва ғайраро ифода мекунад: чӣ гуфтед-а?, бахтро бинед-а! |
| душакла | دوشکله дорои ду шакл; ҳарфҳои душакла ҳарфҳои алифбои арабиасоси тоҷикӣ, ки ду шакл ё тарзи навишт доранд, яъне дар алоҳидагӣ шакли пурра ва ҳангоми бо ҳарфҳои дигар пайваст шудан дар шакли нопурра навишта мешаванд. |
| тоҷикӣ | تاجیکی . мансуб ба тоҷик: ҷомаи тоҷикӣ. 2. маҷ. нармӣ, ҳалимӣ, хушмуомилагӣ; муқоб. туркӣ. |

## Баҳодиҳии муҳтаво:

5

Баҳои миёна: 5 (1 овоз)

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

Rate

Категория:

- Фарҳангҳо [3]

---

**Манбаъ::**http://istilohot.tj/tg/content/farkhangi-tafsirii-zaboni-tochiki-dastur-baroi-istifoda?mini=2025-12

**Пайвандҳо**
[1] http://istilohot.tj/tg/content/farkhangi-tafsirii-zaboni-tochiki-dastur-baroi-istifoda [2] http://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/farhangi-tafsiry.png [3] http://istilohot.tj/tg/category/%D1%84%D0%B0%D1%80%D2%B3%D0%B0%D0%BD%D0%B3%D2%B3%D0%BE

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона